Китоби Муқаддас барои кӯдакон

пешкаш мекунад

# Таваллуди Исои Масеҳ



Муаллиф: Edward Hughes

Рассом: M. Maillot

Адаптатсиякунанда: E. Frischbutter; Sarah S.

Тарҷумон: Christian Lingua

Тартибдиҳанда: Bible for Children
www.M1914.org

©2018 Bible for Children, Inc.
Литсензия: Шумо ҳақ доред, ки ин ҳикояро нусхабардорӣ ё
чоп кунед, аммо ба фурӯхтан иҷозат надоред.

Бисёр сол пеш, Худо ба пеши як духтари яҳудии ба номи Марям фариштаи Ҷаброилро фиристод. Фаришта ба Марям гуфт: “Ту писаре хоҳӣ зоид ва номашро Исо хоҳӣ монд.  Ӯ Писари Парвардигор номида мешавад ва то абад ҳукмронӣ мекунад”.



“Ин чӣ хел мешавад?” - бо тааҷҷуб пурсид духтар. “Ягон мард ба ман даст нарасондааст”. Фариштa ба Марям гуфт, ки ин кӯдак бо амри Худо меояд ва бе падари заминӣ хоҳад буд.



Фаришта ба Марям боз гуфт, ки хеши Марям, Элисобаъ дар пиронсолиаш кӯдак хоҳад зоид. Ин мӯъҷиза буд. Дере нагузашта, Марям ба хабаргирии Элисобаъ рафт. Онҳо Худоро ҳамду сано гуфтанд.



Марям бо марди ба номи Юсуф фотиҳа шуда буд. Вақте Юсуф фаҳмид, ки Марям ҳомиладор аст, сахт ғамгин шуд. Ӯ фикр кард, ки ягон марди дигар падари ин кӯдак аст.



Фариштаи Худо ба Юсуф дар хобаш аён шуда, гуфт, ки ин кӯдак Писари Худо аст ва Юсуф бояд барои нигоҳубини Исо ба Марям ёрӣ диҳад.



Юсуф ба ин суханҳо бовар карда, гуфтаи Худоро иҷро кард. Ӯ ҳамчунин қонунҳои кишвари худро иҷро мекард.



Аз сабаби як қонуни нав, ӯ ва Марям барои андозсупорӣ ба зодгоҳи Юсуф, шаҳри Байт-Лаҳм рафтанд.





Вақти зоидани Марям наздик шуда буд.  Лекин меҳмонхона пур аз одам буд.

Юсуф ниҳоят як оғулхонаро ёфт Бинобар ин вақте ки Исо таваллуд шуд, модараш Ӯро дар охур гузошт, ки аз он одатан мол хӯрок мехӯрад.



Дар он ҷо Исо таваллуд шуд.  Модараш кӯдак Исоро дар охур гузошт, ки аз он одатан мол хӯрок мехӯрд.



Дар наздикии онҷо чӯпонон рамаи худро посбонӣ мекарданд.  Фариштаи Худо ба онҳо аён шуда, хабари хушро барояшон расонд.



“Имрӯз дар шаҳри аҷдодатон Довуд Наҷотдиҳанда таваллуд шуд.  Ӯ Масеҳ, яъне Таъйиншудаи Худованд аст.  Шумо кӯдакро дар охуре хобида хоҳед ёфт”.



Ногаҳон боз фариштаҳои зиёди дурахшон пайдо шуданду Худоро ҳамду сано гӯён эълон карданд:




“Бигзор номи Худо дар осмон ҷалол
ёбад ва сулҳу осоиштагӣ ба замин
ва некӣ ба одамизод”.

Чӯпонон ба Байт-Лаҳм шитобиданд. Баъд аз дидани Кӯдак, онҳо гуфтаҳои фариштаҳоро ба ҳама нақл карданд.





Баъд аз чил рӯз
Юсуф ва Марям
Исоро ба маъбади
Ерусалим оварданд.
Дар он шахсе ба
номи Шимъӯн
Худоро барои
Кӯдак ҳамду сано
гуфт ва инчунин
пайғамбарзане ба
номи Ҳано Худоро
ба хотири Кӯдак
шукргузорӣ кард.



Ҳардуи онҳо донистанд, ки Исо Писари Худо ва ҳамон Наҷотдиҳандаи ваъдашуда буд. Юсуф аз рӯйи шариати Мӯсо ду паррандаро қурбонӣ кард, ки камбағалҳо барои писари аввал ба Худованд бояд тақдим мекарданд.


Баъди чанд вақт,
як ситораи махсусе
ситорашиносонро
аз мамлакати
Шарқ ба
Ерусалим раҳнамоӣ кард.
Онҳо пурсуҷӯ карданд,
ки “Куҷост он Подшоҳи
Яҳудиён?  Мо мехоҳем,
ки ба Ӯ саҷда кунем”.

Подшоҳ Ҳиродус дар бораи он ситорашиносон шунида, ҳаросон шуд ва аз онҳо хоҳиш кард, ки агар Исоро ёбанд ба ӯ низ хабар диҳанд. Ҳиродус гуфт: “Ман низ ба Ӯ саҷда кардан мехоҳам”.  Аммо ин дурӯғ буд, дар асл вай Исоро кушондан мехост.





Ситора ситорашиносонро рост ба хонаи Юсуф ва Марям, ки бо Кӯдакашон зиндагӣ мекарданд, роҳнамоӣ кард. Онҳо ба Исо саҷда карда,

барояш тӯҳфаҳои қимматбаҳои тиллоӣ ва атриёт доданд.

Худо ситорашиносонро огоҳ кард, ки пинҳонӣ ба хонаашон баргарданд. Ҳиродус сахт ба ғазаб омад.



Исоро куштанӣ шуда,
шоҳи золим ҳамаи
писарбаччаҳои аз
дусола поинро дар
Байт-Лаҳм кушонд.





Аммо Ҳиродус ба Писари Худо зиёне расонда натавонист! Ба Юсуф дар хобаш аён шуд, ки Маряму Исоро гирифта, аз хатар дур ба Миср барад.


Баъд аз марги
Ҳиродус Юсуф
Маряму Исоро аз
Миср баргашта
овард.
Онҳо дар шаҳраки Носира,
дар назди баҳри Ҷалил зиндагӣ мекарданд.

# Таваллуди Исои Масеҳ

Ҳикоя аз Каломи Худо, дар Китоби Муқаддас

Матто 1-2 ва Луқо 1-2 ҷойгир шудааст

“Ошкор шудани Каломи Ту равшанӣ мебахшад.” Забур 119:130

Хотима

Ин ҳикояи Китоби Муқаддас дар бораи Худои аҷоиби мо нақл мекунад, ки моро офаридааст ва мехоҳад, ки мо Ӯро шиносем.

Худо корҳои бади моро медонад ва онҳоро гуноҳ меномад. Ҷазои гуноҳ марг аст, аммо Худо туро сахт дӯст медорад. Барои ҳамин Худо Писари ягонааш, Исои Масеҳро фиристод, ки ҷазои гуноҳҳои туро ба Худ гирифта, дар рӯйи салиб мехкӯб шуда мурад. Баъд Исо гашта зинда шуду ба осмон рафт! Агар ту ба ин бовар карда, ба Исо имон биёрӣ ва аз Ӯ хоҳиш кунӣ, ки гуноҳҳоятро бахшад, Ӯ гуноҳҳоятро мебахшад! Ӯ ба дохили ту омада дар ту зиндагӣ мекунад ва ту бо Ӯ то абад зиндагӣ мекунӣ.

Агар бовар кунӣ, ки ин рост аст, ба Худо гӯй:
Исои меҳрубон, ман бовар мекунам, ки Ту Худо ҳастӣ, аммо шакли инсонро ба Худ гирифтӣ, ки ба ҷои мани гунаҳкор ҷон диҳӣ. Ту гашта зинда шудӣ ва ҳоло ҳам зинда ҳастӣ. Илтимос ба ҳаёти ман биё ва гуноҳҳои маро бахш, то ки ҳаётам нав шавад ва рӯзе пеши Ту рафта, то абад бо Ту бошам. Ба ман ёрӣ деҳ, ки ҳамчун фарзанди Ту ба гапҳои Ту гӯш карда, барои Ту зиндагӣ кунам. Омин.

Ҳар рӯз Китоби Муқаддасро хонда, бо Худо сӯҳбат кун!
Юҳанно 3:16